**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Изатуллоев Сафарали дар мавзӯи: Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2-Зотпарварӣ , селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ**

**Аҳамияти мавзӯи тадқиқот**. Ҳанӯз мавзӯи « Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ » бо он намуди чорвоҳое, ки муаллиф мавриди омӯзиш қарор додааст, мавриди тадқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор нагирифтааст. Натиҷаҳои кори илмии мазкур боиси пешрафти соҳа дар Тоҷикистон хоҳад гашт. Дар шароити парвариши чарогоҳӣ дар ҷумҳурӣ рушд додани соҳаи чорвои гӯштӣ дар заминаи тадқиқоти илмӣ ва пешниҳодоти илман асоснок ва муфид аҳамияти бориз дорад. Натиҷаҳои тадқиқ на танҳо намуди чорвои мутобиқ ба муҳит ва фоидаовар, балки равиши маҳсулнокии намудҳои гуногунро муайян намудааст.

**Навгонии илмӣ.** Муҳаққиқ бо истифода аз таҷҳизоти муосир ва лабараторияҳои Тоҷикистон хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва нишондодҳои вазни зинда, танумандӣ, маҳсулнокии гӯштӣ ва сифати пӯсти чорвоҳои гуногунро дар шароити хоҷагиҳои ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон муайян карда, дар як радиф маҳсулнокии гӯштӣ ва сифати гӯшти онҳоро нишон додааст. Унвонҷӯ даромаднокии иқтисодии соҳаро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот.** Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда вобаста ба маҳсулнокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити иқлимии ҷумҳурӣ раванди истифодаи чорвоҳои бароmадашон гуногун муайян карда шудааст. Хоҷагиҳои чорвопарвар ва деҳқониву инфиродӣ дар оянда метавонанд аз намудҳои омӯхташудаи чорво вобаста аз равиши маҳсулнокиашон самаранок истифода намоянд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда ва санҷиши истеҳсолӣ, тавсиянома вобаста ба истифода бурдани зотҳои гуногуни чорвои гӯштӣ тартиб дода шуда, дар истеҳсолоти хоҷагиҳои ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон татбиқ гардидааст.

**Равиш ва услубҳои тадқиқот**. Натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ бо усули статистикӣ коркард карда шуда, оид ба иҷрои тадқиқот се намуди чорвои гӯштӣ: чорвои маҳаллӣ, дурагаҳо ва типи то чорвои сергӯшти тоҷикӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд. Ҳамаи зотҳои тадқиқотӣ дар шароити якхелаи нигоҳдорӣ ва хӯронидан қарор доштанд.

Муҳаққиқ дар боби аввал роҷеъ ба хусусиятҳои зотҳои чорвои гӯштӣ, дурагакунонии онҳо дар шароити иқлими гуногун, мушоҳидаҳояшро овардааст, ки зотҳои чорвои гӯштӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн гардида, аз ҳамдигар бо хосиятҳои биологию хоҷагидорӣ ба монанди хулқу рафтор, микдори маҳсулнокӣ, ноҳиябандии зотҳо ба ҷой фарқ менамоянд. Ин хусусиятҳоро ба назар гирифта, тавсифи зотҳое, ки дар шароити Тоҷикистони марказӣ имконияти парваришро доранд ва самаранок мебошанд, пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастовардаро хулоса карда, ҷиҳати рушди соҳа пешниҳоди муфид иброз доштааст.

Бо назардошти муҳимият, тавсифи умумии кор, навгонии илмӣ, таъйиди тадқиқот ва иттилоот, натиҷаҳо ва сохтору ҳаҷми кори тадқиқотии Изатуллоев С. ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, худи муаллиф, унвонҷӯ – Изатуллоев Сафаралӣ барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2-Зотпарварӣ , селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор аст.

Тақриздиҳанда профессори кафедраи
фармакология ва паразитологияи факултети
тибби ветеринарии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
доктори илмхои ветеринарӣ Мирзоахмедов Ш.Р.

Суроға индекс, 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомони, кучаи__Рӯдакӣ_____бинои ___146
Тел.:E-mail: 935700716

Имзои__ Ш.Р. Мирзоахмедовро тасдиқ мекунам
сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминот Қурбонзода А.

Суроғаи муассиса-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,734003. Ш.Душанбе, к. Рӯдаки, 146
Тел.: (+992-37)______

Тел.:E-mail:__________соли 2026________